70/03 26 02 21

# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «19» 02 соли 2021 № 224 шаҳри Душанбе

## Дар бораи тақсимоти мутахассисони ҷавон дар соли 2021

Бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дигар ташкилоту идораҳои эҳтиёҷманд бо мутахассисони ҷавон, мутобиқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Тартиби тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №262 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Аз 1 то 31 майи соли 2021 дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ тақсимоти мутахассисони ҷавон гузаронида шавад.

2.Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбие, ки дар сохтори дигар вазорату кумитаҳо мебошанд, вазифадор карда шаванд:

2.1.Рӯзҳои гузаронидани тақсимоти мутахассисони ҷавонро муайян намуда, иштироки намояндагони хадамоти кадрии муассисаву корхонаҳои давлатии дахлдорро таъмин намоянд;

2.2.Тақсимоти мутахассисони ҷавонро дар асоси банди 3 Тартиби тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон ба роҳ монанд;

2.3.Хатмкардагонро бо роҳхати бо муҳру имзои хадамоти кадрии вазорату кумитаҳои дахлдор тасдиқгардида, таъмин намоянд.

3.Ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани тақсимоти хатмкунандагони ихтисосҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, масъулияти гузаронидани тақсимоти мухассисони ҷавонро дар шаҳри Душанбе ба зиммаи худ гирифта, ҳамчун масъул дар вилояти Хатлон М.Саломиён - муовини якуми вазир, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Н.Собирзода - муовини вазир, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Л.Назирӣ - муовини вазир ва дар вилояти Суғд Д.Қодирзода - муовини вазир вобаста карда шаванд:

3.1.Кормандони зерин дар рӯзи гузаронидани тақсимоти мутахассисони ҷавони равияҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ иштирок намоянд.

| Р/т | Номгӯи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | Шахси масъул | Рӯз ва соати баргузорӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Расулзода Файзиддин – сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сангинов Фирдавс – мутахассиси пешбари раёсати мазкур | 03.05.2021 10⁰⁰ |
| 2. | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 04.05.2021 10⁰⁰ |
| 3. | Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 05.05.2021 10⁰⁰ |
| 4. | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 06.05.2021 10⁰⁰ |
| 5. | Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саймумин Раҳимов | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 07.05.2021 10⁰⁰ |
| 6. | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус | 08.05.2021 10⁰⁰ |
| 7. | Донишгоҳи славянии Россия -Тоҷикистон | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 10.05.2021 10⁰⁰ |
| 8. | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 11.05.2021 10⁰⁰ |
| 9. | Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва | 12.05.2021 10⁰⁰ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ –сармутахассиси раёсати мазкур | |
| 10. | Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 13.05.2021 10⁰⁰ |
| 11. | Коллеҷи техникию омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 14.05.2021 10⁰⁰ |
| 12. | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 17.05.2021 9⁰⁰ |
| 13. | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 18.05.2021 9⁰⁰ |
| 14. | Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ | Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сангинов Фирдавс – мутахассиси пешбари раёсати мазкур | 19.05.2021 10⁰⁰ |
| 15. | Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Зафаробод | Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сангинов Фирдавс – мутахассиси пешбари раёсати мазкур | 20.05.2021 10⁰⁰ |
| 16. | Коллеҷи омӯзгории шаҳри Конибодом | Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сангинов Фирдавс – мутахассиси пешбари раёсати мазкур | 21.05.2021 10⁰⁰ |
| 17. | Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент | Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сангинов Фирдавс – мутахассиси пешбари раёсати | 22.05.2021 10⁰⁰ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | мазкур | |
| 18. | Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён | Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Абдураҳмонова Маҳбуба – мутахассиси пешбари раёсати мазкур | 24.05.2021 $10^{00}$ |
| 19. | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав | Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Абдураҳмонова Маҳбуба – мутахассиси пешбари раёсати мазкур | 25.05.2021 $10^{00}$ |
| 20. | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав | Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Абдураҳмонова Маҳбуба – мутахассиси пешбари раёсати мазкур | 26.05.2021 $10^{00}$ |
| 21. | Донишгоҳи давлатии Данғара | Зуҳурзода Хуршед – муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати мазкур | 27.05.2021 $10^{00}$ |
| 22. | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ | Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Абдураҳмонова Маҳбуба – мутахассиси пешбари раёсати мазкур | 28.05.2021 $10^{00}$ |
| 23. | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ | Сафарзода Садафмоҳ – сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Абдураҳмонова Маҳбуба – мутахассиси пешбари раёсати мазкур | 29.05.2021 $10^{00}$ |
| 24. | Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт | Сангинов Фирдавс ва Абдураҳмонова Маҳбуба – мутахассисони пешбари раёсати кадрҳо ва корҳои махсус | 10.05.2021 $10^{00}$ |
| 25. | Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Рашт | Сангинов Фирдавс ва Абдураҳмонова Маҳбуба – мутахассисони пешбари раёсати кадрҳо ва корҳои | 11.05.2021 $10^{00}$ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | махсус | |
| 26 | Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Лахш | Сангинов Фирдавс ва Абдураҳмонова Маҳбуба – мутахассисони пешбари раёсати кадрҳо ва корҳои махсус | 12.05.2021 10⁰⁰ |
| 27 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев | Қодирзода Диловар – муовини вазири маориф ва илм, Расулзода Файзиддин- сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус | 24.05.2021 10⁰⁰ |

4.Ба масъулини тақсимоти мутахассисони ҷавон супориш дода мешавад:

4.1.Тақсимоти мутахассисонро аз рӯи эҳтиёҷоти шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монанд;

4.2.Ба ҳар як нафар хатмкарда ҷиҳати бо ҷойи кор фиристодан суҳбати инфиродӣ гузаронанд;

4.3.Аз натиҷаи гузаронидани тақсимоти мутахассисони ҷавон ҳисобот ба раёсати кадрҳо ва корҳои махсус пешниҳод намоянд.

5.Ба ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода шавад:

5.1.Тақсимоти мутахассисони ҷавонро бо риояи талаботи Тартиби тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон ба роҳ монанд;

5.2.Тибқи фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ Комиссияи тақсимоти мутахассисони ҷавонро таъсис дода, то рӯзи баргузории тақсимоти умумӣ (тибқи нақшаи дар боло нишон додашуда) дар ҳар як факултет тақсимоти пешакӣ гузаронанд ва хатмкунандагонро бо талаботи Тартиби тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2019, №260 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, ки тибқи роҳхат ба ҷойи кор ҳозир нашудаанд» шинос намуда, оқибатҳои ҳуқуқии онро ба онҳо фаҳмонанд;

5.3.Мутахассисони ҷавонеро, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ барои идомаи фаъолият дар риштаҳои магистратура ва аспирантура таҳсили худро давом медиҳанд, то баргузории тақсимот муайян намуда, рӯйхати онҳоро дар алоҳидагӣ омода карда, ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намоянд;

5.4.Барои даъват ва иштироки намояндагони ташкилоту муассисаҳои манфиатдор, ки ба мутахассис ниёз доранд, шароити мусоид барои иштирок муҳайё созанд;

5.5.Тақсимоти хатмкунандагонро бо назардошти эҳтиёҷоти муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба роҳ монанд;

5.6.Муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбие, ки аз рӯи ихтисосҳои ғайриомӯзгорӣ мутахассис тайёр менамоянд, ҷадвали

тақсимотро омода карда, дар рӯзи баргузории тақсимот иштироки намояндагони вазорату кумитаҳои марбутаро таъмин намоянд;

5.7.Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбие, ки аз рӯи ихтисоси омӯзгорӣ мутахассис тайёр менамоянд, тарзи ҳуҷҷатгузорӣ ва навиштани роххату варақаҳои тақсимотро дуруст ба роҳ монда, баъд аз гузаронидани тақсимоти умумӣ то 10 июни соли 2021 роххатҳоро барои имзо ба раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм пешниҳод намоянд;

5.8.То 7 июни соли 2021 ҳисоботи омории Комиссия оид ба баргузории тақсимот ва рӯйхати мутахассисони ҷавони ҳар як шаҳру ноҳияро дар алоҳидагӣ тибқи ҷадвалҳои замимагардида дар шакли хаттӣ ва электронӣ омода намуда, ба раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм пешниҳод намоянд (ҷадвалҳо замима мегарданд);

5.9.То 14 июни соли 2021 тамоми роххатҳоро дастраси мутахассисони ҷавон гардонанд ва баъд аз пешниҳоди қисмҳои ҷавобии онҳо (қисми 2 ) аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф, (қисми 3) аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар мухлати майяншуда пур карда шуда, бо муҳру имзои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ (миёна ва олии касбӣ) тасдиқ намуда, ба раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм пешниҳод намоянд.

6.Сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсати маорифи ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд:

6.1.Бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои таълимии томактабӣ ва миёнаи умумӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ иштироки ҳатмии намояндагони раёсату шуъбаҳои маорифро дар тақсимоти мазкур таъмин намоянд;

6.2.Мутахассисони хадамоти кадрии сарраёсату раёсат ва шуъбаҳои маорифро вазифадор намоянд, ки қабули мутахассисони ҷавонро ба ҷойи кор аз 1 августи соли 2021 оғоз намуда, ҳуҷҷатгузорӣ ва тарзи навишти ҷавоби роххатро дуруст ба роҳ монанд ва қисмати 2-юми онро бо муҳру имзои мудири шуъбаи маориф дар якҷоягӣ бо қисмати 3-юм дар мухлати муайяншуда ба муассисаҳои хатмнамудаи мутахассиси ҷавон (миёна ва олии касбӣ) шуруъ аз соли таҳсили ҷорӣ баргардонанд;

6.3.Аз натиҷаи ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассиси ҷавон охири ҳар ҳафта ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳо) ва раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм маълумот пешниҳод намоянд.

7.Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм вазифадор карда шавад, ки дар моҳи августи соли ҷорӣ аз натиҷаи тақсимоти мутахассисони ҷавон дар маҷлиси назоратии назди вазири маориф ва илм бо иштироки ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, сардорони сарраёсату раёсати маорифи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳисобот пешниҳод намояд.

8.Ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, сардорони сарраёсату раёсатҳои маорифи ВМКБ, вилоятҳои

Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки то 1 октябри соли 2021 ҳисоботи ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавонро бо нишондоди фармоиши таъин ба кор ва рақами муассисаҳо бо қисми 3 варақаи роҳхат ба раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм пешниҳод намоянд.

9.Сардорони сарраёсату раёсат ва мудирони шуъбаҳои маориф дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №433 «Дар бораи андоза ва тартиби пардохти иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон, ки дар деҳот фаъолият менамоянд» чораандешӣ намуда, аз натиҷааш ба Вазорати маориф ва илм маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд.

10.Сардори шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявии Вазорати маориф ва илм (Н.Амиров) вазифадор карда шавад, ки роҳхатҳои мутахассисони ҷавонро аз ҳисоби Вазорати маориф ва илм таъмин намояд.

11.Маблағи сафари хизматӣ аз ҷойи кори асосии кормандон пардохт карда шавад.

12.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони вазир, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм гузошта шавад.

Асос: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №262.

Вазир [stamp: РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС; signature] М. Имомзода

Муовини якуми вазир

Муовини вазир

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус

Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

Шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Замимаи 2
ба Тартиби тақсимот ва бо ҷои кор таъмин
намудани мутахассисони ҷавон (қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №262)

# Варақаи

тақсимоти мутахассисони ҷавони____________________________________________________________
(номи муассисаи таълимӣ)

____________________________________________дар моҳи ________________соли 20____________________
(факултет, шуъба ва ихтисос)

| № | Ному насаб (пурра) | Ҷинс | Соли таваллуд | Миллат | Вазъи оилавӣ | Суроғаи ҷойи зисти доимӣ (пурра) | Ихтисос | Ба кучо ба кор фиристода мешавад | | | Розигии мухассиси ба ҷои кор фиристода шуда | Имзои мутахасси с (хатмкуна нда) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | Номи ташкилот ва ё муассисае, ки мутахассис фиристода шудааст | Ҷои ҷойгиршавии ташкилот ё муассиса (суроғаи пурра) | Вазифа | | |
| 1. | Маҳмадиев Абдулвоҳид Сайфуллоевич | Мард | 5 январи соли 1995 | Тоҷик | Оиладор | Ноҳияи Девачтич, ҷамоати деҳоти Далён, деҳаи Далён, кӯчаи М.Воҳидов, хонаи 20 | Санъати тасвирӣ | Шуъбаи маорифи ноҳияи Деваштич | Ноҳияи Деваштич | омӯзгор | ҳа | |
| 2. | | | | | | | | | | | | |
| 3. | | | | | | | | | | | | |
| 4. | | | | | | | | | | | | |
| 5. | | | | | | | | | | | | |
| 6. | | | | | | | | | | | | |
| 7. | | | | | | | | | | | | |
| 8. | | | | | | | | | | | | |
| 9. | | | | | | | | | | | | |
| 10. | | | | | | | | | | | | |
| 11. | | | | | | | | | | | | |
| 12. | | | | | | | | | | | | |

Роҳбари муассисаи таълимӣ____________________________________________

Ҷ.М. Мудири шуъбаи кадрҳои муассисаи таълимӣ________________________________

Роҳбари шуъбаи таҷрибаомӯзии муассисаи таълимӣ______________________________